## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар дар мавзуи «Таҳлили нарратологии романи тоҷик (дар мисоли «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик). – Душанбе, 2025. – 191 с.**

Дар адабиётшиносии муосири олам истилоҳу ибораҳои ҷадиде мавриди истифода қарор доранд, ки дар маҷмуъ, равияҳои мухталифи илми адабиётшиносиро ифода мекунанд. Ворид гардидани истилоҳҳои “адабиёти татбиқӣ”, “архитектоника”, “ҳерменевтика”, “нарратология” ва амсоли ин ба адабиётшиносии тоҷик  аз он дарак медиҳад, ки воқеан, илму адаби тоҷик  аз таҳаввулот ва тағйироте, ки дар ин самт дар адабиётшисосии ҷаҳонӣ пайдо шуда,  вориди адабиёт ва мавриди пазиришу қабул қарор мегиранд, дар канор набудааст. Дар ин замина, нарратология яке аз истилоҳҳои нав дар адабиётшиносии тоҷик маҳсуб ёфта, дар муайян кардани арзиши адабӣ, бадеӣ, таърихӣ, сохторӣ ва маънавии он нақши муассири хешро мегузорад. Ба андешаи муаллиф “Ба кор гирифтани равишҳои таҳлили нарратологӣ дар таҳқиқи асари бадеӣ то имрӯз дар нақди адабӣ ва умуман дар адабиётшиносии тоҷикӣ собиқа надошт” (дисс. с. 12). Аз ҳамин дидгоҳ, омӯзишу пажуҳиши асосҳои нарратология ҳамчун назарияи муосири таҳлили матн, бахусус матни бадеӣ аз дидгоҳи нарратология, равишҳои меҳварии таҳлили нарратологӣ ва дар ин замина, таҳлили нарратологии романи “Ҳайҷо”, сохтори замонии романи мазкур ва вижагиҳои он аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми илми адабиётшиносӣ маҳсуб меёбад. Ба ин мавзуъ ва масъала рабт доштани диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар худ аҳаммияти кори таҳқиқии ӯро бозгӯ менамояд.

Агар ба пешинаи таҳқиқи мавзуъ мутаваҷҷеҳ шавем, маълум мегардад, ки ҳарчанд мавзуи мазкур – масъалаи таҳлили нарратологии роман, собиқа надошта бошад ҳам, вале як қатор таҳқиқоти амиқу арзишманд дар робита бо мабҳасҳои ҷудогонаи диссертатсияи мазкур дар адабиётшиносии муосири тоҷик аз ҷониби  донишмандоне ба монанди М. Шакурӣ, Р. Мусулмониён, Ю. Бобоев, Ҷ. Бақозода, Р. Амонов, А. Афсаҳзод, А. Сайфуллоев, Х. Мирзозода, Х. Асозода, Х. Шарифов, Ю. Салимов, А. Насриддинов, А. Маҳмадаминов, А. Раҳмонов, М. Имомзода, Ш. Солеҳов ва А. Муллоев анҷом ёфтааст, ки дар дарку ҳалли бархе аз масъалаҳои таҳқиқ муфид ба назар мерасанд. Дар ин асос метавон гуфт, ки таҳқиқи ин масъалаҳо **аҳаммияти махсуси илмӣ** дорад.

Диссертант барҳақ қайд намудааст, ки «таҳлили амиқи романи «Ҳайҷо» бо истифода аз равишҳои корбурдии назарияи нарратология ва муайян

кардани арзиши адабӣ, бадеӣ, таърихӣ, сохторӣ ва маънавии он барои нишон додани робитаи байни нависандаву матн, нависандаву хонанда ва матну хонанда» (дисс. с. 10) аз масъалаҳои калидӣ маҳсуб меёбад.

Дар чанд банди **шиносномаи ихтисоси илмии 6D020501 – Адабиёти тоҷик** пажуҳиши нукоте тарҳрезӣ шудааст, ки ба таҳқиқи ҷойгоҳи нависанда дар роман ва масоили марбут ба дидгоҳи маконӣ, замонӣ ва забонӣ, ҳамчунин масъалаҳои эллипсис дар сужет, масъалаи паралипсис дар матни асар иртибот мегирад. Аз ин ҷиҳат, мавзуи диссертатсияи тақризшаванда ба доираи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишии шиносномаи ихтисоси илмии **6D020501 – Адабиёти тоҷик** комилан **мувофиқат менамояд.**

**Навгонии илмии диссертатсияи** Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст дар қолаби рисолаи таҳқиқӣ масъалаҳои асосҳои нарратология ҳамчун назарияи муосири таҳлили матн, таҳлили нарратологии романи "Ҳайҷо", сохтори замонии романи "Ҳайҷо ва хусусиятҳои асосии он баррасӣ гардида, ҳамчунин, ба масоили назарияи В. Шмид дар бораи ровӣ ва мухотаб, назарияи Ж. Женетт дар хусуси маърифати замон, ҳамзамон оид ба робитаи нависанда ва хонандаи роман, хусусиятҳои барҷастаи нарратор дар роман, дидгоҳҳои гуногуни нарратологӣ ва амсоли ин таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст. Дар диссертатсияи мавриди назар таҳқиқи масъалаи нарратология дар романи тоҷик дар мисоли романи "Ҳайҷо"-и Ӯрун Кӯҳзод аз нигоҳи назарияҳои адабиётшиносии муосир ба таври густарда анҷом ёфтааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он асоснок карда мешавад, ки дар кори диссертатсионии мазкур аз дастовардҳои илмӣ ва осори назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода гардида, маълумоту сарчашмаҳо мушаххасанд. Ҳамчунин, ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳо ва теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос мувофиқат менамоянд. Омӯзиши сарчашмаҳои адабӣ ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқию баррасии мавзуъ ва масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда ба муаллиф имкон додааст, ки **хулоса ва тавсияҳои** боэътимод бароварда, дурнамои мавзуъҳои таҳқиқии марбут ба нарратологияро дуруст муайян намояд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳо ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани паҳлуҳои гуногуни истилоҳҳои нав дар адабиётшиносии тоҷик, ба вижа нарратология ва хусусиятҳои он, баррасии масъалаҳои марбут ба пайдоиши истилоҳи мазкур ва ба ин монанд истилоҳҳои дигар ба унвонҷӯёну довталабони дараҷаҳои

илмӣ ва магистрантону донишҷӯён ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар барои анҷом додани кори таҳқиқиаш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар 7 банд манзур намудааст. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида муҳтавои фаслу бобҳороро инъикос карда, дар самти шинохту таҳқиқу таҳлили нарратологии романи тоҷик (дар мисоли "Ҳайҷо"-и Ӯрун Кӯҳзод) ва нақши нарратология дар ҷараёни ташаккулу таҳаввули асари бадеӣ аҳаммияти махсуси илмӣ доранд.

Диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, 3 боб, 15 фасл, 7 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфтааст. Дар фаслу бобҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқӣ, истинод бар маъхазҳо, муҳокимаю бардоштҳо ва хулосаҳои ҷолиб ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия ҳамаи зербахшҳои зарурӣ тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия таҳия ва манзур шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия – **«Асосҳои нарратология ҳамчун назарияи муосири таҳлили матн»** аз шаш фасл фароҳам омадааст. Дар фасли аввал ва дуюми боби якум, ки **«Матни бадеӣ аз дидгоҳи нарратология»** ва **«Равишҳои асосии таҳлили нарратологӣ»** унвон гирифтааст, бар асоси сарчашмаҳои илмии ватаниву хориҷӣ доир ба пайдоиш ва истилоҳи нарратология дар адабиёт, ки тақрибан аз солҳои 60-уми қарни XX мавриди истифодаи пажуҳандагон қарор гирифтааст, андешаҳо баён ёфтааст. Диссертант дар ин фасл вожаи нарратологияро аз нигоҳи илмӣ ва нуқтаи назари муҳаққиқонро оид ба истилоҳи мазкур, ки доир ба он мулоҳизаҳои зиёде мавҷуданд (амсоли Ролан Барт, Клод Бремон, Тсветан Тодоров, Ҷ. Принс, В. Шмид, Ж. Женетт ва диг.) мавриди таҳлилу тасниф қарор дода, хулоса мекунад, ки "матни бадеии ривоӣ дорои хусусият ва нишонаҳоест, ки онро аз матнҳои дигар навъ ҷудо мекунанд ва меъёрҳои заруриро барои анҷоми ин кор нарратология пешниҳод намудааст" (дисс. с. 22).

Унвонҷӯй дар **фасли дуюми боби мазкур** бошад, равишҳои асосии нарратологии назарияҳои формалистони рус, назарияи "мантиқи муколама"-и М. Бахтин, назарияҳои "нақди нав", назарияҳои психоаналитикӣ, назарияҳои ҳерменевтикӣ, назарияҳои сохторгароёнаву семиотикӣ ва тропологиро, ки дар ташаккули нарратология нақши муҳим дошта, роҳу усулҳои гуногуни таҳлили

матнро пешниҳод кардаанд, бо асноду андешаҳои муҳимми илмӣ мавриди таҳлил қарор медиҳад.

Диссертант дар ***фасли сеюми*** боби аввал "Назарияи В.Шмид оид ба нависанда ва таносуби ӯ бо хонанда" ном дошта, иртибот байни нависандаву хонандаро муайян менамояд. Унвонҷӯй дар ин фасл ба ҷойгоҳи нависанда ва хонанда, ки дар сохтори ривоӣ нақши калидӣ дорад, тавҷҷуҳ намуда, истилоҳот ва мафҳумҳои муҳим ва зарурии онро бо овардани мисолҳои мушаххас таҳлилу баррасӣ менамояд.

Аҳмадзода Ф.Ф. дар **фасли чорум** андеша ва бардоштҳои худро оид ба назарияи В. Шмид дар бораи ровӣ ва мухотаб ва ҳамчунин, ақидаҳо дар бораи онро ҷамъбаст намуда, истилоҳот ва ҷойгоҳи мафҳумҳо, аз қабили нарратор (ровӣ) ва дар ин замина оид ба тасвирҳои эксплиситӣ (ошкор) ва имплиситӣ (ноошкор), мафҳумҳои диегетикӣ ва ғайридиегетикӣ маълумот дода, ақидаи муҳаққиқонро оид ба онҳо ба хонанда пешниҳод кардааст.

Дар **фасли панҷуми боби аввал** масъалаи назарияи дидгоҳ дар нарратология, ки аз масоили калидӣ маҳсуб ёфта, зери мафҳуми он масъалаҳои "дарёфт" ва "интиқол"-и рӯйдод ё ҳаводис фаҳмида мешавад. Аз муҳтавои ин фасл бармеояд, ки унвонҷӯй дар ин бахши кор низ баробари таҳлили андешаҳои муҳаққиқон, дар осори бадеӣ мавҷуд будани панҷ дидгоҳ: *дидгоҳи персептивӣ, дидгоҳи идеологӣ, дидгоҳи макони, дидгоҳи замонӣ ва дидгоҳи забонӣ*, ки ҳар кадом ба яке аз қутбҳои нарратормадор ё персонажмадор марбут мешавад, ташреҳ додааст.

Дар робита ба масъалаҳои фавқ **дар фасли шашуми** боби мазкур назарияи Ж. Женетт дар хусуси маърифати замон мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Диссертант баъди таҳлилу баррасиҳои зиёде оид ба назарияи мазкури Ж. Женнет ба хулосае расида, зикр намудааст, ки "Масъалаи асосии назарияи замони Ж. Женетт низ ҳамин дугонаангорӣ ва роҳҳои шинохту корбурд ва нақши он дар таҳлили асари бадеист. Ба таври дақиқтар, баррасии муносибатҳои байни замони рӯйдод ва замоне, ки барои тасвири он рӯйдод дар ривоят масраф шудааст, матраҳ мегардад ва ин баррасӣ тибқи се ҷанбаи асосии ривоят сурат хоҳад гирифт: 1. Муносибати байни тартиби рӯй додани ҳаводис дар хатти замонии воқеӣ ва тартиби ҷой гирифтани онҳо дар ривоят; 2. Муносибати байни тули замони воқеии ин ҳодисаҳо ва тули замони интиқоли онҳо дар ривоят (манзур тӯли матн аст); 3. Хусусиятҳои камийяти такрорҳо" (дисс. с. 50-51).

Довталаби дараҷаи илмӣ дар **боби дуюми** диссертатсия, ки **«Таҳлили нарратологии романи "Ҳайҷо»** унвон дорад, ба пажӯҳиши мавзуъ ва муҳтавои ҷойгоҳи нависанда дар роман, хусусиятҳои нависандаи таҷридӣ,

робитаи байни нависанда ва хонандаи роман пардохта, кӯшиш кардааст, ки масъалаҳои дар ин фаслҳо ва зерфаслҳо тарҳрезишударо баррасӣ намояд.

Ҷойгоҳи нависанда дар **фасли аввали ин боб** таҳқиқ гардида, диссертант ба масъалаҳои нақши муаллиф, ширкат ё худ ҳузур доштан ё надоштани нависанда дар матни асар, мақсад ва ҳадафи муаллиф аз иншои асари мазкур, назару нигоҳи муаллиф ба ҷузъҳои ривоят ва амсоли ин пардохта, ҳамчунин, шахсияти нависанда ва мавқеъ ва мунсибати ӯ ба роман, ки дар асар ширкати фаъол дошта, мавқеи калидиро дорад, зеро "ҳузури фаъоли нависанда дар роман аз ҷойгоҳи калидии ӯ дар асар хабар медиҳад" (дисс. с. 63), мавриди таҳлилу андешаҳои соҳибрисола қарор гирифтааст.

Дар зерфасли фасли аввали боби дуюм, ки **«Хусусиятҳои нависандаи таҷридӣ»** унвон дорад, диссертант нависандаи таҷридии романи «Ҳайҷо»-ро мавриди таҳлил қарор додааст. Мушоҳидаву мулоҳизаҳои муаллифи рисола аниқу фаҳмо буда, нависандаи таҷридии романи мазкур бо нишон додани мисолҳои мушаххас таҳлил ёфтааст. Ба андешаи ӯ нависандаи таҷридии романи "Ҳайҷо" шахсест фарҳангӣ, мутафаккир ва мушоҳидакор, озодипараст, комилан хаста аз фикр кардану роҳи ҳал ҷустан буда, ба назари унвонҷӯй "Номуайян мондани баъзе бахшҳои асараш, ноҳамоҳангиҳои ҷузъӣ дар сужет, тахриби мантиқ дар порчаҳои ҷудогонаи роман ҳама ишора ба ин хусусияти ӯ доранд. Новобаста аз анҷоми неки роман, навъе ноумедӣ дар тарзи баёни нависандаи таҷридӣ эҳсос карда мешавад" (дисс. с.75).

Диссертант дар фасли дуюми боби мазкур, ки **«Робитаи байни нависанда ва хонандаи роман»** унвон дорад, дар бораи хонандаи таҷридӣ, моҳият ва хусусиятҳои он маълумот медиҳад. Муаллифи рисола дар ин фаслу зерфасл кӯшиш ба харҷ додааст, ки аз нигоҳи илмӣ бо мисолҳои мушаххас вижагиҳои хонандаи таҷридии асарро, ки забони модарии худ – тоҷикиро бо гӯишҳояш хуб медонад, аз расму оинҳои милливу мардумии тоҷикӣ огоҳӣ дорад, ӯ аз таърихи халқи тоҷик умуман ва ба андозаи кофӣ аз таърихи сулолаи Манғитиёну воқеаҳои асри Х1Х бохабар аст, таҳлилу арзёбӣ намудааст.

Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар дар **фасли сеюм**, ки **«Хусусиятҳои барҷастаи нарратор дар роман»** ном дорад, вижагиҳои онро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ин ҷо муаллифи дисертатсия фароинсон будани нарратори романро, ки ҳодисаҳоро аз замони амир Музаффархони манғит (1860-1885) то сессияи ХУ1 Шурои Олӣ (1997) ба тасвир омадааст, ҳамзамон аломатҳои муайянкунандаи нарраторро бо асноду далоили зиёде таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки "рафти таҳлили «Ҳайҷо» ҳангоми бархӯрд бо анвои ноҳамоҳангиҳои хурду бузург дар усули назария ва роҳҳои татбиқи он бар матн, ба ин натиҷа расидем, ки барои гунаҳои мухталифи матн, манзур ҳам

матнҳои бадеӣ ва ҳам ғайрибадеӣ, бояд равишҳои ҷудогона ва нисбатан мушаххаси таҳлил пешниҳод карда шавад. Барои ба даст овардани равишҳои мухталифи таҳлили нарратологии матн дарсади муайяни матнҳои мавҷудро омӯхта, тибқи муҳимтарин усули назария онҳоро ба чанд гурӯҳи ҷудогона тақсим намуда, сипас, дар раванди баррасии ҷузъӣ ва дақиқ барои ҳар гурӯҳ як модел бояд вазъ кард" (дисс. с. 98-99).

**Фасли чоруми** боби мазкур – **«Вижагиҳои истифода аз дидгоҳҳои мухталиф дар роман»** аз панҷ зерфасл фароҳам омада, дар онҳо масъалаҳои дидгоҳи мудрик (персептивӣ), арзишгузор (идеологӣ), маконӣ (фазоӣ), замонӣ ва забонӣ таҳлилу таҳқиқ шудаанд. Мисолу аснодҳои овардашуда оид ба ҳар яке аз ин дидгоҳҳо моро ба чунин андеша меоварад, ки мусанниф воқеан мағзи масъалаҳои истифодаи дидгоҳҳои мухталиф дар романи "Ҳайҷо"-ро аз дидгоҳи нарратология муайян намудааст. Чунончи, оид ба дидгоҳи мудрик дар романи мазкур зикр менамояд, ки "хонандаи «Ҳайҷо» ҷаҳони тасвиршуда дар асарро ба гунае мебинад, ки нарратор дидааст. Хонанда дар ин ҳолат дидгоҳе густардатар аз дидгоҳи нарратор дошта наметавонад. Ба ҳамин хотир, муайян кардани дидгоҳи мудрик ва хусусиятҳои он ниҳоят муҳим аст, то бидонем матлабе, ки хонда истодаем, то кадом андоза ба воқеият мувофиқат дорад, то кадом андоза дидгоҳ густарда аст ва оё он тасвире комил аз воқеаро ба даст медиҳад, ё аз аҷзое фурӯгузорӣ менамояд" (дисс. с. 100). Ба ҳамин монанд, диссертант доир ба дидгоҳҳои дигари дар фавқ зикршуда низ андешаву мулоҳизаҳои илмии судманд баён кардааст, ки аз мусаллаҳ ва ворид будани довталаби дараҷаи илмӣ ба мавзуъ ва масоили ба миён гузошта гувоҳӣ медиҳад.

**Боби сеюм – «Сохтори замонии романи "Ҳайҷо" ва хусусиятҳои асосии он»** аз панҷ фасл иборат мебошад, ки онро аз лиҳози муҳтаво ва пурборӣ, шартан яке аз бобҳои меҳварии рисола метавон номид. **Дар фасли аввал** хатти замонии роиҷ дар роман баррасӣ мешавад. Маълум мегардад, ки дар романи "Ҳайҷо" ду хатти замонӣ баробар амал намуда, бо иваз намудани ҳамдигар шаш ҷузъи замониро ба вуҷуд оварда, дар сохтори асар ба сегментҳои гуногун ҷудо шуда, дар якҷоягӣ сохтори замонии асарро ташкил медиҳанд. Аз ин нуқтаи назар, "сохтори замонӣ ва таҷзияи асар ба сегментҳо, инчунин баррасии хусусиятҳои сегментҳои замонии гуногун маълум гардид, ки дараҷаи ҷаззобияти матни бадеӣ то ҳадде ба пӯёии матн вобаста буда, матраҳ кардани масъалаҳои калидӣ ва идеяҳои марказӣ дар қисматҳои пӯёи матн боиси дар назари хонанда барҷастатар ҷилвагар шудани онҳо мегардад" (автореф. с. 23).

Довталаби дараҷаи илмӣ дар **фаслҳои дигари боби мазкур** дар иртибот ба зерфасли аввал, ноҳамоҳангиҳо дар хатти замонӣ, масъалаи эллипсис дар сужет, паралипсис дар матни асар ва ҳиҷрати нарратививу навъҳои он аз ҷумлаи мавзуъ ва масъалаҳое мебошанд, ки ба сохтори замонии романи “Ҳайҷо” иртибот дошта, дар омӯзиш ва таҳқиқи нарратологии асарҳои бадеӣ нақши муассиру мондагор дорад. Бахусус, масъалаҳои эллипсис ва паралипсис дар романи мазкурро дар мизони адабиётшиносии муосир таҳлил намуда, ду навъи онро (огоҳона ва ноогоҳона) дар мисоли романи “Ҳайҷо” ба доираи андешаву тафаккури хеш ба таҳлил гирифтааст.

Дар ин зерфаслҳо, дар тақвияти фикр мисолҳое манзур гардидаанд, ки аз дониши хуб доштан ва моҳияти мавзуи таҳқиқшавандаро хуб дарк кардани диссертант гувоҳӣ медиҳанд. Ба андешаи ӯ «дар «Ҳайҷо» эллипсиси огоҳона фаровон аст ва ин ҳолат табиист, зеро бори иттилоотии роман имкон намедиҳад, ки тамоми воқеаҳо бо ҷузъиёт матраҳ карда шаванд» (дисс., с. 162) ва ҳамчунин, дар асари мазкур паралипсиси огоҳона низ ба таври кофӣ истифода шудааст. Дар робита ба фаслҳои қаблӣ, дар зерфасли дигар масъалаи ҳиҷрати нарративӣ ва навъҳои он, ки манзур такрори воҳидҳои ривоӣ дар осори нависандаро мефаҳмонад, ба таҳқиқ гирифта шуда, бо асноди мушаххас дар ҷадвал, хеле хубу возеҳ нишон дода шудааст.

**Хулосаи диссертатсияи** Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 8 банд фароҳам омадааст ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Хулосаҳо дар заминаи баррасии мавзуи меҳварӣ ва муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсия ба вуҷуд омадаанд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю хулосаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ, диссертатсияи тақризшаванда аз норасоиҳо низ орӣ нест:

1. Ба андешаи мо, дар унвони диссертатсия, ки дар дохили қавс, (дар мисоли “Ҳайҷо”-и Ӯрун Кӯҳзод) сабт ёфтааст, вожаи романро истифода намуда, “дар мисоли романи “Ҳайҷо”-и Ӯрун Кӯҳзод” менавиштанд, унвони мавзуъ мушаххас мешуд, зеро шояд баъзеҳо онро ҳикоя, повест ва ғ. пиндоранд.

2. Дар мубрамияти мавзуи таҳқиқ, масъалаи баррасишаванда, ки дар адабиётшиносии тоҷик истилоҳ ва мавзуи нав аст, боз муфассалтар шарҳу тафсир меёфт, ба мақсад мувофиқ буд.

3. Дар матни диссертатсия баъзан ҷумлаҳои нотамом ба назар мерасанд, масалан, дар саҳ. 6 ҷумлаи “Аз ҷониби дигар, А. Набавӣ аз оғози фаъолияти эҷодии Ӯ” нотамом мондааст, ки ислоҳи он шарт ва зарур аст.

4. Ба андешаи мо фасли 1.2., ки равишҳои асоси таҳлили нарратологӣ унвон дорад ниёз ба таҳлили муфассал ва кушодани марому мақсади назарияҳоро тақозо дорад.

5. Зерфаслҳои 3.3 ва 3.4 боби сеюми диссертатсия таҷдиди назар, яъне ниёз ба шарҳу тавзеҳи зиёдтарро дорад.

6. Дар диссертатсия баъзе вожаҳое амсоли тасвири эксплистӣ, тасвири имплистӣ, диэгетикӣ, ғайридиэгетикӣ ва амсоли инҳо вомехӯранд, ки ба хонанда номафҳум аст, шарҳи зиёдтари он ва кушодани мафҳуму мақсади ин вожаҳо зарур ба назар менамояд.

7. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ва авторефарат ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ, техникӣ ва гуногуннависӣ мушоҳида мешаванд.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, асосан, хусусияти тавсиявӣ ва пешниҳодӣ доранд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант оид ба мавзуи таҳқиқӣ нашр намудааст, муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтаанд. Воқеан, мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6D020501 – Адабиёти тоҷик мувофиқат мекунад. Ҳамчунин, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст.

Хулоса, диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар дар мавзуи «Таҳлили нарратологии романи тоҷик (дар мисоли “Ҳайҷо”-и Ӯрун Кӯҳзод») ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мебошад.

***Муқарризи расмӣ:***
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Худойдодов А.О.
«06» сентябри соли 2025.

Суроға: 734013, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Х. Мирзоев 1, гузаргоҳи 3
Тел.: (+992) 988253300

E-mail: khudoidodov1959@mail.ru

Имзои профессор А. Худойдодовро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

Суроға: 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Телефон: (+992-37) 224-13-83;
E-mail: info@tgpu.tj
«06» сентябри соли 2025.